Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва
миёнаи касбии назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Funded by
the European Union

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ МОДУЛИИ КАСБИ «БАРҚЧӢ ОИД БА ТАЪМИРИ ҚИСМҲОИ БАРҚИИ АВТОМОБИЛ»

Соҳа: **Нақлиёт**

Касб: **Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)**

Рамзи касб: **TI 7412** (Стандарти байналмилалии таснифоти машғулиятҳо-2008)

Миқдори модулҳо: **13**

Сатҳҳои Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: **2**

Барномаи таълимии модулии касби «Баркчӣ оид ба таъмири қисмҳои баркии автомобил (автомобилҳои баркӣ ва гибрид)» дар доираи татбиқи Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҳамкорӣ бо Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ таҳия шудааст.

**КУМИТА ОИД БА ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ ВА МИЁНАИ КАСБИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# БАРҚЧӢ ОИД БА ТАЪМИРИ ҚИСМҲОИ БАРҚИИ АВТОМОБИЛ (АВТОМОБИЛҲОИ БАРҚӢ ВА ГИБРИД)

Барномаи таълимии модулӣ дар асоси стандарти салоҳиятҳои касби «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)» таҳия гардидааст.

Барномаи таълимии модулӣ касби «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)» дар ҷаласаи Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ___________ № ____ баррасӣ гардидааст.

**Таҳиягарон:**

| № | Ному насаб | Вазифа | Ташкилот |
|---|---|---|---|
| 1. | Исмоилов Бобо | Методист-мутахассис | Муассисаи давлатии «Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» |
| 2. | Раупов Саидмухтор | Омӯзгори фанҳои тахассусӣ | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии нақлиёти автомобилии шаҳри Душанбе» |
| 3. | Иззатов Мавлоназар | Инженер механик | Мудири озмоишгоҳи кафедраи «Истифодабари нақлиёти автомобилӣ» ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ |

**Модераторҳо** (миёнҷиҳо):

Данило Анишенко – коршиноси калидӣ оид ба таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиш;

Бахтиёров Озар – супервайзер оид ба методологияи таълим дар асоси салоҳият.

**Мундарича**

Ихтисорот ........ 5

Муқаддима ........ 6

Мафҳумҳо ........ 7

Тавзеҳоти умумии касби «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)» ........ 10

Захираҳо: ........ 11

Талабот ба тахассуси омӯзгорон ........ 12

Талабот ба таълимгирандагон ........ 12

Малакаҳои бакортаъминкунии касби «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)», сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ........ 12

Руйхати адабиётҳо ........ 14

# Ихтисорот

| | |
|---|---|
| **ТАС** | Таълим дар асоси салоҳият |
| **ТИКТО** | Таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ ва омӯзиш |
| **DACUM** | Усули таҳлили функсионалӣ (аз ихтисороти «**D**eveloping **a** **c**urricul**um**», яъне «таҳияи барномаҳои таълимӣ») |
| **ТМТ ҶТ** | Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **СС** | Стандарти салоҳият |
| **ВС** | Воҳиди салоҳият |
| **ЭС** | Элементи салоҳият |
| **МИ** | Меъёрҳои иҷро |
| **МБ** | Малакаҳои бакортаъминкунӣ |
| **СБТМ/ISCO** | Стандарти байналмилалии таснифоти машғулиятҳо **(**International Standard Classification of Occupations) |
| **ТМ ҶТ** | Таснифоти машғулиятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ТИК/ICT** | Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (Information and communication technologies (ICT)) |
| **ҲМТБ** | Ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ |
| **ҶДММ** | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд |
| **TC** | Салоҳиятҳои фароумумӣ (Transversial Competencies) |
| **TB** | Салоҳиятҳои заминавии соҳаи нақлиёт (Transport basic) |
| **TI** | Салоҳиятҳои касбии соҳаи нақлиёт (Transport industry) |

## Муқаддима

Ислоҳоти иҷтимоӣ - иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон навсозии низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ-техникӣ ва омӯзиши ҷумҳуриро тақозо менамояд. Айни ҳол Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зиёдеро барои самаранок гардондани низоми мазкур андешида истодааст. Яке аз тадбирҳои басо муҳим гузариш ба низоми нави таълим – методологияи таълим дар асоси салоҳият (ТАС) мебошад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин инъикос гардидааст:

- Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат»;
- Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Тартиби таҳия ва эътирофи стандартҳои салоҳияти ҳар як касб;
- Тартиби таъмини сифати тахассусҳо ва тасдиқкунии тахассусҳо;

Дар баробари ин, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 равшан гуфта шудааст, ки дар кишвар рушди «таҳсилоти салоҳиятнокии касбӣ» бо ворид намудани методологияи таълим дар асоси салоҳият зарур аст.

Методологияи мазкур салоҳияти баланди касбии таълимгирандагонро таъмин мекунад, муносибати масъулиятнокро ба кор ташаккул медиҳад, мутахассисро мутобиқи талаботи тахассуснокии бозори меҳнат омода мекунад.

Инчунин, методологияи ТАС ба ташаккул додани «салоҳиятнокии касбӣ» нигаронида шуда, ба ғайр аз омодагии касбӣ дар раванди таълим, ба ҳар як мутахассис барои аз худ кардани сифатҳои шахсии муҳим, аз ҷумла, мустақилият, ташаббускорӣ, қобилияти қабули қарорҳои масъулиятнок, чандирии тафаккур, маҳорати доимо таълим гирифтан, азнавкунии донишҳо ва баланд бардоштани фарҳанги касбии худ мусоидат менамояд.

Малакаҳои касбӣ тариқи аз худ намудани салоҳиятҳои фароумумӣ ва заминавӣ ташаккул меёбанд. Салоҳиятҳои фароумумӣ муносибати инсонро ба иҷрои масъалаҳои касбӣ ташаккул медиҳанд, тарбияи чунин мутахассисро таъмин менамоянд, ки дар бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ талабот дорад.

Барномаи таълимии модулӣ барои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо муҳлати таҳсили 1 сола дар доираи Лоиҳаи «Кӯмаки Иттиҳоди Аврупо ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шудааст.

Барномаи таълимии модулии барои ҳар як касб таҳияшуда бештар ба таълими амалӣ нигаронида мешавад, ки чунин дониш, маҳорату малака ва муносибат, яъне салоҳияти хатмкунандагонро таъмин менамояд, ки дар бозори меҳнат рақобатпазиранд.

Зимни таълими модулӣ омӯзгор таълими назариявӣ ва амалиро яквақта дар замина (база)-и муассисаи таълимӣ ва ё истеҳсолот мегузаронад.

Инчунин, дар раванди таълим диққати махсус ба ташаккул додани малакаҳои бакортаъминкунӣ дода мешавад. Малакаҳои бакортаъминкунӣ ин ҳамон салоҳиятҳои калидӣ мебошанд, ки барои ҳар шахсе, ки ҳаёти худро ба нақша мегирад ва фаъолияти касбии ояндаи худро фикр мекунад, зарур мебошад.

Ташаккулдиҳии худи малакаҳоро омӯзгор дар ҳар машғулият тибқи сатҳи тахассус, мақсад, вазифаҳои модул, натиҷаҳои он амалӣ менамояд. Машғулиятҳоро ба нақша гирифта, усулҳои интерактивиро истифода мебарад.

Барномаи таълимии модулии касби «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)» мутобиқи принсипҳо ва талаботи методологияи ТАС дар асоси Стандарти салоҳиятҳои касби «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)» таҳия гардидааст. Барнома мундариҷаи ҳар модулро муфассал мекушояд ва истифода бурдани усулҳои интерактивиро дар омӯзиш тавсия медиҳад. Раванди омӯзиш ҳама домана (спектр)-и воҳидҳои салоҳият, аз ҷумла, фароумумӣ (трансверсалӣ) ва малакаҳои бакортаъминкуниро дар бар мегирад.

Машғулияти амалӣ мутобиқи барномаи таълимӣ дар замина (база)-и муассисаи таълимӣ, дар устохонаи таълимии махсус таҷҳизонидашуда бо назардошти таъмини шароити эргономикӣ гузаронида мешавад. Ғайр аз ин, раванди омӯзиши касбӣ гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолиро дар ташкилот, корхона ва муассисаҳо дар бар мегирад.

Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар корхонаҳое мегузарад, ки таълимгирандагон зери роҳбарии челонгар - таъмирчии таҷрибадор малакаҳои касбии дар раванди таълим гирифтаашонро такмил ва ташаккул медиҳанд.

Яке аз принсипҳои асосии  методологияи ТАС – ин ҳамкории шарикии муассисаи таълимӣ бо корфармо маҳсуб меёбад. Муассисаи таълимӣ бо корфармо оид ба гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолии таълимгирандагон,  пеш аз анҷоми омӯзиш шартномаи тарафайн мебандад.

Барномаи таълимии мазкур дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва омӯзиш, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи фаъолияти амалӣ кардани барномаҳои таълимиро доранд, истифода бурда мешавад.

## Мафҳумҳо

**Барномаи таълимии модулӣ дар асоси салоҳиятҳо** – ҳуҷҷати дорои дониш, маҳорат, малака ва муносибатҳои асосие, ки бояд аз рӯйи ҳар воҳиди салоҳиятҳои модули дар алоҳидагӣ гирифта шуда, аз худ карда шаванд. Он иборат аст, аз номгӯйи элемент/меъёрҳои иҷрои воҳидҳои салоҳият, тавсияҳои соатҳо барои ҳар мавзӯъ.

**Барномаи таълимии модулӣ дар асоси салоҳиятҳо** - ҳуҷҷати ифодакунандаи муҳтаво ва меъёрҳои таълим, ки ба модулҳои (воҳидҳои пурра ва мустақили) таълимӣ тақсим карда шудааст, ки таълими ҳар як модул ташаккули як ё гуруҳи салоҳиятҳоро таъмин мекунад.

**Баҳодиҳанда** – мутахассис/коршиноси баландихтисоси махсус омодашудаи соҳа (бригадир/устои истеҳсолот, коргари таҷрибадор, омӯзгорони ТИКТО/коллеҷ, муассисаҳои олии таълимӣ), ки аз омӯзиш гузаштааст ва соҳиби сертификати мувофиқи «Баҳодиҳанда» мебошад.

**Баҳодиҳӣ дар асоси салоҳият** – ин раванди ҷамъоварии далелҳо ва дар асоси онҳо қабули қарор оид ба доштан ё надоштани салоҳиятҳои касбии дар

барномаи таълимӣ ё модулҳои алоҳидаи он муқарраргашта аз ҷониби таълимгиранда ё хатмкардаи барномаи таълимӣ.

**Банақшагирии баҳодиҳӣ** – раванде, ки қадамҳои ташкил намудани баҳодиҳиро барои шахсони ваколатдор, корфармоён, маъмурияти муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон, баҳодиҳандагон ва номзадҳои баҳогирандаро муайян мекунад.

**Бастаи баҳодиҳӣ** – маҷмӯи ҳуҷҷатҳои дарбаргирандаи предмети баҳогузорӣ, меъёрҳо ва далелҳои иҷро солоҳиятҳо, ҷои баргузории баҳодиҳӣ, усул ва воситаҳои интихобшудаи баҳодиҳӣ.

**Воҳиди салоҳият** – ин баёноти кӯтоҳи натиҷаи вазифаҳои салоҳият мебошад, ки маълумот дар бораи дониш, маҳорат, малака ва муносибатро дорад (дар бораи мақсадҳои воҳиди салоҳият ва доираи малакаҳое, ки ба онҳо тааллуқ дорад, васеъ маълумот медиҳад).

**Воситаҳои баҳодиҳӣ** – восита ва амалҳое, ки барои ҷамъоварӣ ва тафсир (интерпретатсия)-и далелҳои дороии салоҳиятҳои таълимгирандагон ҳангоми қабули қарорҳо аз ҷониби баҳодиҳандаҳо истифода мешаванд.

**Касб** – тарзи машғулият, намуди фаъолияти меҳнатие, ки тайёрии муайян, мавҷудияти донишҳои зарурӣ, маҳорат, малака ва салоҳиятнокиро талаб менамояд, ки дар натиҷаи омӯзиши махсус ё таҷриба ба даст оварда мешавад.

**Корпажӯҳӣ (эргономика)** – илм оид ба муҳайё кардани шароити мувофиқи меҳнат барои мусоидат дар афзоиши маҳсулнокии он, мувофиқкунонии уҳдадориҳои мансабӣ, ҷойҳои корӣ, пуржа (предмет) ва объектҳои меҳнат, инчунин барномаҳои компютерӣ барои меҳнати нисбатан самаранок ва бехатари коргар бо назардошти хусусиятҳои ҷисмонӣ ва равонӣ.

**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин ва гирифтани донишу таҷриба дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва имкон медиҳад, ки шахс натанҳо дар шароити муқаррарӣ, балки дар шароити тағйирёбанда низ амал кунад.

**Модул** – блоки анҷомдодашудаи ҳаҷми муайяни иттилооти таълимӣ барои иҷрои фаъолияти мушаххас зарур. Вобаста аз талабот ба омӯзиш модулҳои мушаххас таҳия мешаванд ва онҳо метавонанд, аз як то якчанд воҳидҳои салоҳиятҳоро дар бар гиранд.

**Меъёр** – нишона ё андозае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Салоҳиятнокӣ** – соҳиб будан ба дониш, малакаву маҳорат ва муносибат, ки барои фаъолияти пурсамар дар соҳаи муайян зарур аст.

**Салоҳиятҳои умумифарҳангӣ** – ин маҷмуи дониш, малака ва унсурҳои таҷрибаи фарҳангӣ, масъулият ва мустақилият мебошанд, ки ба шахс имкон медиҳанд дар муҳити иҷтимоӣ-иқтисодӣ бо истифода аз ин унсурҳо мавқеи худро озодона муайян кунад ва муносибати шахсро барои иҷрои вазифаҳои касбӣ ташаккул диҳад. Салоҳиятҳои умумифарҳангӣ воҳидҳои салоҳиятҳои фароумумӣ, заминавӣ ва малакаҳои бакортаъминкуниро дар бар мегиранд.

**Салоҳиятҳои касбӣ** – ин маҷмуи дониш, маҳорат ва малакаҳо, ки ба шахс иҷрои супоришҳо ва ҳалли вазифаҳои касбиро дар вазъиятҳои стандартӣ ва тағйирёбанда имкон медиҳад. Салоҳияти касбӣ воҳидҳои салоҳияти касбӣ ва хусусиятиро дар бар мегирад.

**Стандарти салоҳияти касб** – ин ҳуҷҷатест, ки ҳадди ақали талаботи меъёриро ба салоҳияти барои касби мушаххас зарурӣ муайян мекунад ва талабот ба салоҳияти касбӣ ва умумифарҳангии шахсиро дар бар мегирад.

**Тартибот (протседураҳо)** – ин иттилоот ё дастурамале, ки ба номзад/баҳогиранда ва баҳодиҳанда барои баргузорӣ ва қайди баҳо муқаррар мешаванд.

**Таснифоти миллии тахассусҳо (ТМТ)** – ҳуҷҷати меъёрие, ки чаҳорчӯбаҳоро муайян ва ҳамаи ихтисосҳои дар сатҳи миллӣ эътирофшударо идора менамояд. Таснифоти миллии тахассусҳо дорои чаҳорчӯбаҳое мебошад, ки аз якчанд сатҳ иборат буда, ҳар яки онҳо дар нишондиҳандаҳо (дискрипторҳо)-и салоҳиятҳо, ки алоқаҳои тахассусии байнибахширо дар бар мегиранд, тасвиф карда шуда, ҳамчунин, додани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи соҳиб шудан ба ихтисос дар он роҳандозӣ карда мешавад.

**Тахассус** – камолоти касбии шахс ва дараҷаи омодагии он барои иҷрои намудҳои корҳои мушаххас, ки бо мавҷудияти салоҳиятҳои аз ҷониби корфармоён эътирофшуда муайян гардида, бо ҳуҷҷати намунаи давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

**Таълими истеҳсолӣ** – як ҷузъ (компонент)-и асосии раванди таълим барои мустаҳкамкунии дониш, малака, маҳорат ва муносибат (салоҳият)-и таълимгирандагон дар устохона, озмоишгоҳ, машқгоҳ, хоҷагиҳои таълимӣ ва дигар сохторҳои муассисаи таълимӣ гузаронида мешавад.

**Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ** – як ҷузъ (компонент)-и асосии раванди таълим барои мустаҳкамкунии дониш, малака, маҳорат ва муносибат (салоҳият)-и таълимгирандагон барои осонии баромадан ба бозори меҳнат. Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ дар истеҳсолоти мушаххас, дар шароити истеҳсолоти амалкунанда гузаронида мешавад.

**Таълим дар асоси салоҳият** – муносибат ба таҳсилоти касбӣ-техникӣ ва омӯзиш, ки он ба чӣ тавр дар ҷои корӣ шахс корро иҷро карда метавонад, такя мекунад.

**Таълими амалӣ** – ин ҷузъ (компонент)-и раванди педагогӣ дар замина (база)-и устохонаҳои таълимии муассисаҳои таълимии ибтидоии ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои таҷрибавӣ ва касбӣ.

**Усулҳои баҳодиҳӣ** – усулҳои истифодашавандаи ҷамъоварии далелҳо барои баҳодиҳии салоҳиятҳои таълимгирандагон/номзадҳо, аз ҷумла, раъйпурсӣ, тестгузаронӣ, мусоҳиба бо таълимгирандагон, мушоҳидаи мустақим, тақризи ҷониби сеюм.

## Тавзеҳоти умумии касби «Баркчӣ оид ба таъмири қисмҳои баркии автомобил (автомобилҳои баркӣ ва гибрид)»

«Баркчӣ оид ба таъмири қисмҳои баркии автомобил (автомобилҳои баркӣ ва гибрид)» иҷрои як қатор уҳдадорӣ ва вазифаҳои зиёди маҷмӯи муайяни салоҳиятҳоро талаб намуда, барои сифатнок ва сари вакт амалӣ кардани уҳдадориҳои корӣ дар доираи касб имкон медиҳад.

Баркчӣ оид ба таъмири қисмҳои баркии автомобил ҳамчун мутахассиси соҳибкасби касби худ бошад. Барои фаъолияти бомувафақияти кори худ қисмҳои баркии автомобилро бояд бо донишу малакаи зарурӣ оид ба таъмири қисмҳои баркии автомобил бо истифодаи технологияи нави замонавӣ иҷро намояд. Масалан вай бояд бо ташхис ва таъмири таҷҳизотҳои автомобилҳои баркиро дуруст ба роҳ монад ва меъёрҳо ва маълумотҳои техникии дар самти таъмир истифода мешавад донад ва бо сифат баланд корҳои таъмириро иҷро намояд.

Дар ҷои кор бркчӣ ҳатман дастури техникаи бехатарӣ ва ҳифзи меҳнатро донад ва аз муоинаи тиббӣ гузашта бошад.

Баъдан, ин чорабиниҳо мунтазам на кам аз як маротиба дар як сол гузаронида мешавад.

Ба корҳои таъмиргарӣ танҳо кормандони ихтисосманд, ки шаҳодатномаи Баркчӣ оид ба таъмири қисмҳои баркии автомобил ва ҳуҷҷати ронандагӣ бо категорияи мувофиқ дошта бошад ба роҳ дода мешаванд. Дар ҳолати набудани шаҳодатномаи мазкур фаъолият намудани он, қатъиян манъ аст.

Ҳангоми корҳои таъмирӣ хатарҳои зеринро дорад: осеббинӣ аз барқ, ҷароҳатбардории ҷисмонӣ, афтодани борҳои интиқолдиҳанда. Аз ҳамин сабаб баркчӣ бояд дар вақти корӣ бо либос ва пойафзоли махсус кор кунад. Кор бо мавҷуд набудани лавозимотҳои муҳофизатӣ вайронкунии қоидаҳои бехатарӣ дар истеҳсолот ба ҳисоб меравад.

Пеш аз он, ки баркчӣ ба корро оғоз намояд, бояд ҳолати техникӣ ва ҳамаи таҷҳизотҳои кориро санҷад, фосила ва масофаи зарурӣ барои иҷроиши тағири самти ҳаракатҳои заруририро аниқ намояд, бехатарии системаҳои таъмири автомобилҳои баркиро риоя намояд ва иҷроиши корҳоро аз рӯи меъёрҳои муайяншудаи стандарт ичро намояд. Инчунин корманд санҷиши механизмҳоро дар гашти бекор (холостой) гузаронад. Нуқсонҳои пинҳонмондаи таъмирталабро муайян намуда ошкоро ба мизоҷ, гӯяд ва барои бартараф кардани он маслиҳат диҳад.

Ҳангоми кор баркчӣ дар ҷои кори худ шахсони бегонаро роҳ надиҳад, дар раванди таъмир автомобилро беназорат нагузорад. Вайронкунии ин қоидаҳо ба фалокатҳои ҷиддӣ оварда расониданаш мумкин, барои ин чораҷӯиҳои қатъӣ таъин карда мешавад.

## Захираҳо:

| Таҷҳизот/дастгоҳи зарурӣ | Маводи сарфшаванда |
|---|---|
| • Телферҳо<br>• Автомобили таълимӣ<br>• Таҷҳизоти борбардорӣ<br>• Компютери ташхискунанда (сканери ташхиси)<br>• Зарядфизо (зарядное устройство)<br>• Аккумулятор<br>• Генератор<br>• Тестор (автомобильное)<br>• Нишондихандаи барқӣ (индикатор)<br>• Лаҳимкаш (паяльник)<br>• Ареометри санчиши зичии электролит<br>• Душохаи сарборӣ (нагрузочная вилка)<br>• Сканери (автомобилӣ)<br>• Пуркунандаи барқ барои мошинҳои барқӣ (порт заряд)<br>• Омметр<br>• Тозакунандаи терминалхо (контактхо)<br>• Калиди махсус барои кушодани сенсор оксигени (кислород)<br><br>**Асбобу анҷом**<br><br>• Калидҳо (печмухрагӣ, бозшаванда)<br>• Маҷмӯйи калидҳо (автомобильное)<br>• Амбурхо (плоскогупцы, круглогубцы, кусачки)<br>• Клеши ҳаргуна<br>• Калиди накидной<br>• Шипси махсус барои гирифтани нокилхои баландшиддат<br>• Калиди махсуси шамъи афрузиш<br>• Калиди динамометри<br>• Калидхо<br>• Зарфи махсус ва кислотаи сулфат<br>• Ченакхо (щуп)<br>• Бардоранда (домкрат)<br>• Лампаи равшанидиҳӣ<br>• Болға, путк<br>• Монтировка<br>• Қабатакҳо (Прокладкаҳо)<br>• Баллон (шинаи эҳтиётӣ)<br>• Шприс барои равғанмолӣ<br>• Лампаи сайёри равшанидиханда (переноска)<br>• Зарфҳои пластмасӣ, керамикӣ ва ғайра<br>• Накиткаи мухофизати | • Антикор (барои зангзанӣ)<br>• Латаи махсус 20х20<br>• Литол<br>• Веретёнка<br>• Солярка<br>• Нокилхои барқӣ ҳаргуна: 0,35мм то 14мм. (7 ранга)<br>• Моеъхои техникӣ: (боздошт, шишатозакунак, тосол, антифриз)<br>• Равганхои молидани (автол, гипоид, солидол)<br>• Нокили пайвасткунанда (прикуриватель)<br>• Халтаи равганхои пластикӣ барои сенсори оксигенӣ<br>• Бензин<br>• Солярка<br><br>**Маводи таълимӣ**<br><br>• Стандарти салоҳиятҳои касби «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)»<br>• Барномаи таълимии модулӣ<br>• Коркарди методии машғулият, нақшаҳо ва воситаҳои баҳодиҳӣ, тавсияҳои методӣ вобаста ба касби «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)»<br>• Китобҳои дарсӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил<br>• Воситаҳои айёнии таълимӣ (маводи видеоӣ, рӯнамоиҳо)<br>• Маводи зарурии дафтардорӣ (канселярӣ)<br>• Дастури таълимӣ барои методистҳо ва омӯзгорони низоми ТИКТО ҶТ «Усулҳои ҳамгирои (интерактивии) таълим»<br>• Стандартҳои соҳаи нақлиёт<br><br>**Таҷҳизоти таълимӣ**<br><br>• Компютер<br>• Принтер<br>• Проектор<br>• Тахтаи электронӣ/экран<br>• Лавҳаҳо (стендҳо) оид ба қисмҳои муҳаррики автомобил |

| | |
|---|---|
| • Тапончаи фишор<br>• Регпарто (пескоструйная) барои тоза намудани шамъи афрӯзиш<br>• Гирандаи шкив (съемник)<br>• Обгармкунак<br>• Зарфи об<br>• Дастпушакҳо<br>• Айнаки мухофизатӣ<br>• Лавҳаи тасвирии блоки силиндр | **Воситаҳои ҳимоявии инфиродӣ**<br>• Пойафзоли махсус<br>• Либоси махсус<br>• Дастпӯшҳо |

## Талабот ба тахассуси омӯзгорон

Омӯзгороне, ки сатҳи 2-юми ТМТ Ҷумҳурии Тоҷикистон касби «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)»-ро меомӯзонанд, бояд ба талаботи умумии зерин ҷавобгӯ бошанд:

- донишҳои касбии дидактикӣ ва методологияи ТАС доштан;
- методикаи таълими салоҳиятҳоро доро будан;
- на кам аз 3 соли таҷрибаи кории барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)-ро доштан;
- ҷисмонӣ ва равонӣ солим будан;
- сатҳи тахассусии омӯзгор бояд аз сатҳи 3-юми ТМТ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарсдиҳӣ дар муассисаи таълимии ТИКТО паст набошад;
- аз муоинаи тиббӣ гузаштан.

## Талабот ба таълимгирандагон

Хоҳишмандоне, ки мехоҳанд касби «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)»-ро омӯзанд ва салоҳиятҳои сатҳи 2-юми ТМТ Ҷумҳурии Тоҷикистонро азхуд кунанд, бояд ба талаботи умумии зерин ҷавобгӯ бошанд:

- маҳорати ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ муошират кардан;
- пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо мувофиқ ба талаботи муассисаи таълимӣ;
- гузаштан аз муоинаи тиббӣ.

## Малакаҳои бакортаъминкунии касби «Барқчӣ оид ба таъмири қисмҳои барқии автомобил (автомобилҳои барқӣ ва гибрид)», сатҳи 2-юми Таснифоти миллии тахассусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Малакаҳои бакортаъминкунӣ | Малакаҳое, ки корфармоён ҳамчун зарурӣ муайян мекунанд |
|---|---|
| Муошире, ки ба самаранок ва мутаносиб будани муносибатҳоро байни ҳамкорон ва мизоҷон/фармоишгарон мусоидат менамояд | -шунидан ва дарк кардан;<br>-бурро ва кушоду равшан баён намудан;<br>-меҳрубон будан;<br>-суботкор будан;<br>-мубодилаи иттилоот кардан;<br>-бо забони хориҷӣ дар сатҳи заминавӣ муошират кардан. |
| Кор дар даста, ки ба | -дар дастаҳои синну соли гуногун, новобаста аз ҷинс, нажод ва |

| | |
|---|---|
| муносибатҳои кории самаранок ва дастоварди натиҷаҳо мусоидат менамояд | мансубияти динӣ кор кардан;<br>-мустақилона ва ба сифати аъзои даста кор кардан;<br>-дақиқӣ;<br>-масъулнокӣ;<br>-меҳнатдӯстӣ;<br>-сарфакорӣ;<br>-донистани Кодекси меҳнат. |
| Маҳорати ҳал намудани мушкилоте, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои самаранок мусоидат менамояд | -зоҳир намудани мустақилият ва ташаббускорӣ дар ошкор ва бартараф кардани мушкилот;<br>-дурандешӣ;<br>-бовиҷдонӣ;<br>-маҳорати расонидани ёрии аввалия. |
| Ташаббус ва уҳдабарой, ки барои бадастоварии натиҷаҳои инноватсионӣ мусоидат менамояд | -мутобиқшавӣ ба вазъиятҳои нав;<br>-муайян кардани имкониятҳои барои дигарон ғайричашмдошт;<br>-татбиқ кардани ғояҳо ба амал;<br>-иштирок дар раванди ташаккулёбии пайваста;<br>-омодагӣ ба навоварҳо;<br>-зиракӣ. |
| Банақшагирӣ ва ташкили фаъолияте, ки банақшагирии стратегии дарозмуҳлат ва кӯтоҳмуддатро таъмин менамояд. | -мақсадгузории мушаххас ва натиҷаҳои кор;<br>-банақшагирии кор ва истифодаи захираҳо, аз ҷумла идоракунии вақт;<br>-муайян ва ҷобаҷокунии афзалиятҳо;<br>-ҳамоҳангсозии вазифаҳо барои худ ва дигарон;<br>-бодиққатӣ;<br>-муташаккилӣ;<br>-қоидаҳои тартиботи дохилии ташкилот/корхона. |
| Худидоракуние, ки ба қаноатмандӣ ва рушди кормандон мусоидат менамояд | -мавҷудияти диди шахсӣ ва мақсадҳо;<br>-боварӣ ба ғояҳо ва диди шахсӣ;<br>-устувории ахлоқӣ;<br>-масъулиятнокӣ<br>-риояи одоб (этика) ва зебошиносӣ (эстетика). |
| Омӯзише, ки ба мунтазам ташаккулёбии фаъолияти кормандон/ширкатҳо ва ноил шудан ба натиҷаҳои мусбӣ мусоидат менамояд | -эътирофи зарурияти таълим бо назардошти тағйиротҳо;<br>-омода будан ба сарфи вақт ва саъю кӯшиш ба омӯхтани малакаҳои нав;<br>-хоҳиши таълим дар ҷойи кор ва бидуни он;<br>-самимият барои ғояҳо ва усулҳои нави идоракунии худомӯзӣ;<br>-дастгирии ҳамкорон ва барқарор кардани робитаҳо;<br>-истифодаи таълим ба масъалаҳои «техникӣ» (масалан, омӯзиши маҳсулот) ва «мушкилоти одамон» (масалан, ҷанбаҳои байнишахсиятӣ ва фарҳангии кор) |
| Технологияе, ки барои ҳалли самараноки вазифаҳо мусоидат менамояд | -донистани малакаҳои заминавии технологияи иттилоотӣ;<br>-хоҳиши аз худ кардани малакаҳои нави технологияи иттилоотӣ;<br>-мавҷудияти тавоноии ҷисмонии мувофиқ. |

## Руйхати адабиётҳо

1. Список литературы 1. Виды альтернативной энергии. – Режимдоступа: http:// ria.ru/documents 20091113/193404769.html#ixzz3mfRLfVaT.

2. Внедрить электроавтомобиль в России будет сложно. – Режим доступа: http://www.autonews.ru/automarket_news/news/1683358.

3. История электроавтомобиль. Режим доступа: http:// autoeco.info/hist_ev.php].

4. Отчет International Energy Agency – EVI Global EV Outlook 2013. – Режимдоступа: http://www.iea.org/topics/transport/ electricvehiclesinitiative/EVI_GEO_2013_FullReport.PDF.

5. Преимущества электроавтомобиль и их недостатки. – Режим доступа: http://nature-time.ru/2014/08/preimushhestvaelektromobilya-i-ego-nedostatki.

6. Принцип работы электроавтомобиль. – Режим доступа: http://www.electra.com. ua/elektroavtomobil/163-kak-rabotaetelektricheskij-avtomobil.html].

7. Технологическое развитие российского топливно-энергетического комплекса под влиянием экономических санкций / О.Ю. Карамян, К.А. Чебанов, Ж.А. Соловьева // Современные проблемы науки и образования. – 2015. – № 1. – С. 326.

8. Tesla Model S получила высшие рейтинги безопасности. Электронная версия журнала « За рулем». – Режим доступа: http://www.zr.ru/content/news/567354-tesla_model_ s_ poluchila_ vysshije_ rejtingi_bezopasnosti/.

Сомонаҳои интернетӣ

Как работают электромобили (youtube.com)

Детективное расследование "Ремонт Электромобиля". Tesla MS (youtube.com) Elektromobil qanday ishlaydi? (Inson uchun Elektromobillarni zarari bormi?) (youtube.com) Что такое гибрид? Что нужно знать, чего не стоит бояться!Вся правда, разрушение мифов специалистами! (youtube.com)

Какие бывают поломки у гибридных автомобилей, и как их устранять. Toyota Auris Hybrid, Toyota Prius. (youtube.com)

Toyota Prius - проверка батареи (ВВБ, гибридной системы) (youtube.com)

Гибридные автомобили или обычные | Что лучше? (youtube.com)

Принцип работы гибридных автомобилей (pro-sensys.com)

Гибридные автомобили: виды, как работают, чем различаются (tinkoff.ru)

Как работает гибридный автомобиль: принцип, особенности, расход топлива (rolf.ru)

Что такое гибридный автомобиль, какими бывают машины-гибриды, как работают — плюсы и минусы (techinsider.ru)

Типы электромобилей - какие бывают и чем отличаются (trauto.ru)

Классификация электромобилей | АВИЛОН Электро Москва (avilon-electro.ru)